**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович дар мавзуи “Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) пешниҳод шудааст.**

Яке аз самти муҳими илми иқтисодии муосир маркетинг дар фаъолияти соҳибкории экологӣ мебошад. Аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳқиқи чунин мавзуъ аҳамияти баланд дорад. Дар шароити муосири ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва вусъати фаъолияти экологӣ, зарурати такмил додани механизмҳои маркетингӣ барои ташкили фаъолияти устувори субъектҳои соҳибкорӣ хеле меафзояд. Диссертатсияи пешниҳодкардаи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович ба таҳқиқи ҳамин мавзуи муҳим бахшида шудааст..

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки муаллиф дар тадқиқоти худ масъалаи ҳамоҳангсозии усулҳои маркетингӣ бо талаботи муҳити зист ва бозори экологиро мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосирро ба таҳлил мегирад. Ӯ бо истифода аз таҳлилҳои оморӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, инчунин бо татбиқи усулҳои тадқиқоти маркетингӣ натиҷаҳои зарурии илмӣ ва амалиро соҳиб мегардад.

Автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф дар кори диссертатсионӣ самтҳои зеринро мукаммал намудааст:

- муайянсозии хусусиятҳои фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ;
- таҳлили мушкилоти амалии маркетинг дар ширкатҳои экологӣ ва арзёбии сатҳи татбиқи стратегияҳои маркетингӣ;
- таҳия ва пешниҳод намудани модели нави маркетингӣ, ки ба хусусиятҳои соҳибкории экологӣ мутобиқ аст;
- пешниҳоди маҷмӯи чорабиниҳои такмилдиҳӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи мазкур.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия қайд мекунад, ки маркетингро на танҳо ҳамчун воситаи таблиғ ва фурӯш, балки ҳамчун воситаи стратегии рушди соҳибкории устувори экологӣ истифода кардан мумкин аст. Инчунин инро дар шароити минтақаҳои Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии маҳаллии онҳо истифода кардан мумкин аст.

Дар баробари натиҷаҳои баланди илмӣ ва амалии гирифта шуда, агар дар автореферати диссертатсия методи таҳқиқоти маркетингии муайян кардани талабот ба фаъолияти соҳибкории экологӣ нишон дода мешуд, он гоҳ мазмуни кор боз ҳам бой мегашт.

Вале ин камбудӣ қимати илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунад.

Аз автореферат дида мешавад, ки сохтор ва мазмуни диссертатсия пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсия мувофиқи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй аст. Муаллифи диссертатсия Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) сазовор мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, профессори кафедраи**
**маркетинги соҳавӣ ва**
**байналмилалии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Абдуғаффор Рауфӣ**

**Адрес: 734061, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев, 63/3, ДТТ.**
**Тел.: 234-09-07, E-mail: eco_institute@mail.ru**

**Имзои А. Рауфӣ-ро тасдиқ мекунам**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ**
**ва назорати ДТТ, н.и.с.** **Раҳматулло Нусратулло**

04.08.2025